«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
д.и.и, дотсент __________ Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.
аз «__03__» ____марти________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Сатториён Алишер Ҳамидзода дар мавзӯи «Муаммоҳои танзими ҳуқуқи граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайри манқул дар ҶумҳурииТоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ», аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, иҷро карда шудааст.

Давоми омода намудани рисолаи номзадӣ Сатториён Алишер Ҳамидзода дар вазифаи ассистент ва унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият мебурд.

Сатториён Алишер Ҳамидзода соли 2006 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро бо ихтисоси «Ҳуқуқшиносӣ» хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ, н.и.ҳ., сардори Раёсати коргузорӣ ва назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳошимзода Даврон.

Мавзуи рисолаи номзадии Сатториён Алишер Ҳамидзода «Муаммоҳои танзими ҳуқуқи граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайри манқул дар ҶумҳурииТоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ» бо протоколи № 4 Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз санаи 20.12.2018. тасдиқ карда шудааст. Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2025 бо протоколи № 7.1. ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтҳонҳои номзадӣ аз соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст (шаҳодатномаи № 90 аз 18.06.2024.).

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ хулосаи зерин қабул гардид:

- Диссертатсияи Сатториён Алишер Ҳамидзода «Муаммоҳои танзими ҳуқуқи граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайри манқул дар ҶумҳурииТоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда пурра мутобиқат мекунад.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқотбо он асоснок карда шудааст, ки дар шароити замони муосир ва ташаккул ёфтани иқтисодиёти бозоргонӣ, муносибатҳои ҷамъиятии бо меъёрҳои ҳуқуқӣ-маданӣ танзимшаванда оҳанги нав пайдо карда, дар маркази таваҷҷӯҳи иштирокчиёни муомилоти маданӣ қарор гирифтаанд. Ин дар мавриде мубрам ба назар мерасад, ки фаъолияти иқтисодии озод дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор гирифта, намудҳои нави чунин фаъолият рӯйи кор омаданд. Ба сифати чунин фаъолият метавонад фаъолияти риэлторӣ баромад намояд, ки барои ба миён омадани он ташаккули муносибатҳои ҷамъиятии алоқаманд ба молу мулки ғайриманқул замина гузоштанд. Ба андешаи муҳаққиқ, дар ин робита, ба муомилоти маданӣ иштирокчиёне зорид гардиданд, ки онҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ хизматрасониро дар намуди фаъолияти миёнаравӣ - риэлторӣ пешниҳод менамоянд.

Муҳаққиқ иброз менамояд, ки дар Тоҷикистон фаъолияти риэлторӣ падидаи нав буда, дар робита ба сатҳ ва сифати комилан нав баромадани муносибатҳои ҷамъиятии алоқаманд ба молу мулки ғайриманқул - ба иҷора додани манзили истиқоматӣ, харидан ва фурӯхтани он, муайян кардани арзиши молу мулки ғайриманқул ва монанди инҳо пайдо гардидааст.

Фаъолияти риэлторӣ дар Тоҷикистон гарчанде, ки муддати назаррас пайдо гардида, устуворона рушд карда истодааст, то ба имрӯз заминаи ҳуқуқии мустаҳками танзимкунандаи худро надорад.

Заминаи ҳуқуқии амалкунандаи ба танзим дарорандаи фаъолияти риэлторӣ, масалан, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон хислати умумиро дошта, ин намуди фаъолияти миёнаравиро ба таври умумисоҳавӣ мавриди танзим қарор медиҳад. Аз ин ҷо, муаммоҳои ҳуқуқии алоқаманд ба фаъолияти риэлторӣ, масалан, талаботи ҳуқуқие, ки нисбат ба риэлтор пешниҳод карда мешаванд, ба таври пурра ва

мукаммал ҳалли худро пайдо накардаанд. Вобаста ба ин, аз тарафи намояндагони назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ пухта расидани зарурият оид ба таҳия ва қабул кардани қонуни соҳавии танзимкунандаи фаъолияти риэлторӣ таъкид карда мешавад.

Диссертант андеша дорад, ки ҷой надоштани танзими ҳуқуқии соҳавии фаъолияти риэлторӣ дар Тоҷикистон, мавҷуд набудани нуқтаи назар ва андешаи ягона оид ба мафҳуми риэлтор, дар самти мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии фаъолияти риэлторӣ, хусусияти шартномаҳои ҳуқуқӣ-мадании басташаванда, хизматрасониҳои аз тарафи риэлторон пешниҳодшаванда муаммоҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст.

Рӯйи кор омадани муаммоҳои алоқаманд ба мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии фаъолияти риэлторӣ, хусусияти шартномаҳои ҳуқуқӣ-мадании басташаванда, хизматрасониҳои аз тарафи риэлторон пешниҳодшаванда замоне ба таври назаррас мушоҳида мешавад, ки дар Тоҷикистон, бахусус дар минтақаҳои алоҳидаи он, ба монанди шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Ҳисор, рушди бомайлони бозори молу мулки ғайриманқул дар намуди сохта ба истифода додани биноҳои истиқоматии баландошёна рӯйи кор омадааст.

Дар таҳқиқот, бо мисолҳои мушаххас таъкид мегардад, ки агар соли 2007 масоҳати умумии фонди манзил дар шаҳри Душанбе 61,3 миллион метри мураббаъро ташкил дода бошад, нишондиҳандаи мазкур соли 2011 ба 67,9 миллион метри мураббаъ ва соли 2016 ба 93,2 миллион метри мураббаъ баробар гардид.

Дар вилояти Суғд масоҳати умумии фонди манзил соли 2007 21,8 миллион метри мураббаъро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда соли 2011 ба 23,0 миллион метри мураббаъ ва соли 2016 ба 28,1 миллион метри мураббаъ баробар гардид.

Дар вилояти Хатлон бошад нишондиҳандаҳои мазкур мутобиқан ба 17,5 миллион метри мураббаъ, 18,3 миллион метри мураббаъ ва 32,7 миллион метри мураббаъ баробар буд .

Масъалаи мазкур, андешаронӣ дорад муҳаққиқ, инчунин зимни ироаи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 28-уми декабри соли 2023 дахл гардид. Таъкид дошта шуд, ки «Дар замони соҳибистиқлолӣ 140 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба зиёда аз 1 миллиону 420 ҳазор оилаи мамлакат барои сохтмони манзили истиқоматӣ тақсим карда шуд, ки қисми асосии он ба оилаҳои ҷавон рост меояд. Яъне, дар маҷмӯъ, беш аз 8 миллиону 800 ҳазор нафар сокинони мамлакат шароити истиқоматии худро беҳтар кардаанд, ки аксари онҳоро оилаҳои ҷавон ташкил медиҳанд. Инчунин

дар ин давра 11 ҳазор иншооти нави варзишӣ бунёд гардид, ки он ҳам асосан барои ҷавонон мебошад».

Дар заминаи ин гуфтаҳо, ба ақидаи диссертант, дар микёси Тоҷикистон рушд ёфтани фонди манзил наметавонад ба фаъолнокии фаъолияти риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул бетаъсир монад. Вобста ба ин, ба андешаи муаллиф, дуруст аст, ки хизматрасониҳои аз тарафи риэлторон пешниҳодшаванда гарчанде, ки барои осон гардонидани мушкилоти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба молу мулки ғайриманқул - ба иҷора гирифтани манзили истиқоматӣ, харидан ва фурӯхтани манзили истиқоматӣ ва монанди инҳо нигаронида шудааст, лекин, хизматрасонии мазкур аз нигоҳи сатҳ ва сифат на ҳама вакт ба интизориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун фармоишгар мувофиқ буда, талаботи онҳоро ба ин намуди хизматрасонӣ ба пурраги қонеъ мегардонад. Омилҳои ба ин раванд таъсиррасонандаро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст:

Якум, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми риэлтор ва фаъолияти риэлторӣ, талаботи ҳуқуқии нисбат ба ин иштирокчии муомилоти маданӣ пешниҳодшаванда мушаххас муайян карда нашудааст.

Дуюм, мавҷуд набудани мафҳуми расмии риэлтор ва фаъолияти риэлторӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқкуниро ба тангкӯчаи сарбаста ворид кардааст, ки ин барои эҷод гардидани муаммоҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти мақомоти судӣ боис гардидааст. Вобаста ба ин, судҳо ҳангоми баррасӣ кардани аризаҳои даъвогӣ бо ҷавобгарии риэлторон, на ҳама вақт байни фаъолияти миёнаравӣ ва фаъолияти риэлторӣ сарҳадгузорӣ менамоянд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, ба ақидаи муҳаққиқ аҳммияти баланди иҷтимоӣ ва иқтисодии хизматрасониҳои аз тарафи риэлтор пешниҳодшаванда талаб менамояд, ки таҳлили илмии падидаи мазкур гузаронида шуда, дар заминаи он мушаххаснамоии ба танзим даровардани падидаи мазкур, коркарди муносибатҳои муосири илмӣ ва принсипҳои он анҷом дода шуда, сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти риэлторӣ тақвият бахшида шавад.

Ҳамин тавр, муаммоҳои назариявӣ ва амалии дар боло зикр гардида дар нуктаи охирон мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти илмиро муайян ва асоснок карданд.

Мақсади асосии таҳқиқот дар гузаронидани таҳлили илмӣ назариявии муаммои танзими ҳуқуқӣ-мадании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Тоҷикистон, дар коркарди тавсияҳо оид ба таҳким бахшидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар соҳаи фаъолияти риэлторӣ арзёбӣ карда шуда, дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- коркард намудани мафҳуми хизматрасонии миёнаравӣ (риэлторӣ);
- ошкор ва таҳлил намудани реҷаи ҳуқуқӣ-мадании фаъолияти миёнаравӣ (риэлторӣ) дар бозори молу мулки ғайриманқул;
- дида баромадани фаъолияти миёнаравӣ (риэлторӣ) ҳамчун асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ;
- муайян намудани унсурҳои шартномаи хизматрасонии миёнаравӣ (риэлторӣ) дар бозори молу мулки ғайриманқул;
- ошкор кардани муаммоҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании шартномаи хизматрасонии риэалторӣ;
- таҳлил намудани хусусияти ҷавобгарии субъектони шартномаи хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул;
- коркард кардани пешниҳодҳои асосноки назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ вобаста ба такмилдиҳии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти миёнаравӣ (риэлторӣ).

Дар таҳқиқот муаллиф аз усулҳои гуногуни илмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, ба монанди анализ ва синтез, индуксия ва дедуксия, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра ба таври васеъ истифода бурдааст. Истифода гардидани усулҳои мазкур имконият доданд, ки таҳлили комплексии муаммоҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул анҷом дода шавад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар ба таври соҳавӣ мавриди таҳлил қарор додани муаммоҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул, мафҳум ва моҳияти хизматрасонии риэлторӣ, мушкилиҳои амалии танзими ҳуқуқӣ-мадании хизматрасонии риэлторӣ, муайян кардани ҷавобгарии ҳуқуқии иштирокчиёни шартномаи хизматрасонии риэлторӣ, таҳлил намудани фаъолияти миёнаравӣҳамчун асоси пайдо гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ва муаммоҳои дигари алоқаманд ба хизматрасонии риэлторӣасоснок карда шудааст. Вобаста ба натиҷаи таҳлили гузаронида шуда, хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснок таҳия гардидаанд, ки онҳо барои ҳаллу фасл намудани муаммоҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании хизматрасонии риэлторӣ, таъмин кардани ҳимояи дахлдори ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасонии риэлторӣ, мушаххас гардидани танзими ҳуқуқӣ-мадании хизматрасонии риэлторӣ ва ба сатҳ ва сифати комилан нав баромадани ин намуди хизматрасонӣ мусоидат хоҳанд кард.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки хулосаҳои назариявии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мавҷуд буда метавонад барои таҳким бахшидани танзими ҳуқуқӣ-маданӣ дар соҳаи хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузорад. Хулосаҳои мураттабгардидаи диссертатсия оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-мадании муносибатҳо дар соҳаи хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ метавонад ба таври васеъ истифода шавад, барои рушди ояндаи ҳуқуқи маданӣ, инчунин мумкин аст барои таҳкими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти риэлторӣ истифода гардад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ метавонад дар фаъолияти амалии ширкатҳои риэлторӣҳангоми хизматрасонии миёнаравӣ (риэлторӣ) дар бозори молу мулки ғайриманқул манфиатбахш бошад.

Ҳамчунин натиҷаҳои амалии таҳқиқоти диссертатсиониро дар ҷараёни қонунэҷодкунӣ дар бахши ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла, бахри ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси маданӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Маводҳои таҳқиқоти диссертатсиониро, ҳамчунин, зимни гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ» ва «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» истифода бурдан мумкин аст.

Дар таҳқиқот ҳамзамон, унвонҷӯ ҷиҳати такмили қонунгузории мадании Тоҷикистон як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар илми ҳуқуқ бо он муайян мегардад:

якум, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, масъалаҳои асосии барои дифоъ бароварда шуда, инчунин тавсияҳои амалӣ, аз ҷониби муаллиф шахсан таҳқиқ, асоснок ва мураттаб карда шудааст;

дуюм, дар навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳалли муаммои мубрам – танзими ҳуқуқӣ-мадании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шудааст.

Диссертатсияи Сатториён Алишер Ҳамидзода таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ дар мавзуи «Муаммоҳои танзими маданӣ-ҳуқуқии хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ” бахшида шудааст. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03- Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертатсия қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 аз рӯйи ихтисоси - 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертасия дар мавзуи «Муаммоҳои танзими ҳуқуқи граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайри манқул дар ҶумҳурииТоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ» бахшида шудааст. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) чунин хулоса қабул карда шуд:

– мувофиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертасия;

– актуалӣ будани мавзӯи диссертасия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;

– мувофиқати таҳлили ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертасия ва автореферати он;

– маъруфияти савияи тадқиқоти илмии таҳқиқи натиҷаҳои илмӣ дар истифодакорӣ ё имконияти татбиқ намудани онҳо;

Сохтори диссертатсияи аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба амали натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат аст.

Вобаста ба мавзуъ ва масъалаи таҳқиқи диссертасионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 адад дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

воридшуда, интишор гардидаанд, ки ҳаҷми умумии онҳо 1,00 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мухтавои асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертасия дар мақолаҳои зерин муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М].** Сатторов, А.Ҳ. Назаре ба ташаккули институти миёнаравӣ дар илми ҳуқуқ [Матн] / А.Ҳ. Сатторов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2020. – №7. – С. 256-259; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Сатторов, А.Ҳ. Реҷаи граждани-ҳуқуқии фаъолияти миёнаравон дар бозори молу мулки ғайриманқул [Матн] / А.Ҳ. Сатторов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ). – 2021. – №2 (87). – С. 130-137; ISSN 2411-1945.

**[3-М].** Ҳошимзода, Д.Д., Сатториён, А.Ҳ. Ҷанбаҳои ҳуқуқии танзим ва шартҳои асосии бастани шартномаҳои хизматрасониҳои риэлторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Д. Ҳошимзода, А.Ҳ. Сатториён // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №1 (53). – С. 150-156; ISSN 2305-0535.

**II.Мақолаҳо ва фишурҳои интишорёфта дар маҷмӯаҳои дигар:**

**4-М].** Сатторов, А.Х. К вопросу природы происхождения терминов «риэлтор» и «риэлторская деятельность» [Текст] / А.Х. Сатторов // Ахбори суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №3-4. – С. 141-145.

**[5-М].** Сатторов, А.Ҳ. Моҳияти фаъолияти миёнаравӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул [Матн] / А.Ҳ. Сатторов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – 2020. – №4. – С. 150-155.

**[6-М].** Сатторов, А.Ҳ. Унсурҳои шартномаи риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул [Матн] / А.Ҳ. Сатторов // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе. – Душанбе, 2021. – №4 (20). – С. 146-159.

**[7-М].** Сатторов, А.Ҳ. Баъзе аз нишонаҳои шартномаи хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул [Матн] / А.Ҳ. Сатторов // Ҳамагироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ. – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С. 162-166.

**[8-М].** Сатторов, А.Ҳ. Муҳтавои шартномаи хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайриманқул [Матн] / А.Ҳ. Сатторов // Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ. – Хуҷанд: Дабир, 2023. – С. 260-263.

**ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Сатториён А.Ҳ. таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дорад ва аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва нуқтаҳои нави илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки дар он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба назар мерасад. Рисолаи мазкур ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Сатториён А.Ҳ. дар мавзуи «Муаммоҳои танзими ҳуқуқи граждании хизматрасонии риэлторӣ дар бозори молу мулки ғайри манқул дар ҶумҳурииТоҷикистон: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ», ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ қабул карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12, «зид»- 0, «бетараф»- 0, протоколи № 7.1 аз «27» феврали 2025 сол

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии
факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ, дотсент Очилова Ф.А.

Котиби ҷаласа: Турсунова С.С.

Имзои мудири кафедра Очилова Ф.А.
ва Турсунова С.С. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Бобоев А.Х.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1). Тел.: 8(3422) 2-38-11. E-mail: tsulbp@rambler.ru http// www.tsulbp